**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.02 – Забони тоҷикӣ.**

Парвандаи аттестатсионии №6

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми июни соли 2023, №6

Барои сазовор донистани Иброимова Гуландом Наимовна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти № 306) рӯзи 7-уми апрели соли 2023, суратҷаласаи № 21 барои ҳимоя қабул шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Иброимова Гуландом Наимовна 13-уми августи соли 1983 дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2005 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2010 аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2008 то соли 2011 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 50-и ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик оғоз намудааст. Солҳои 2011 то соли 2012 дар Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе ба ҳайси муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намудааст. Солҳои 2012 то соли 2019 муаллимаи кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз моҳи ноябри соли 2019 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи зикршуда кору фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Шафоатов Азал Нусратович**, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

- **Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ,** номзади илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ.

**Муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДБ ба номи Носири Хусрав Назаров Меҳрубон Ниёзмадович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Саидов Ҷаббор Зубайдович, котиби ҷаласа - номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии МДТ ДДБ ба номи Н. Хусрав, Шукурзод Ҷамшед Абуалим ва имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви АМИТ Давлатзода Сайфиддин Хайриддин пешниҳод шудааст, зикр менамояд, ки диссертатсияи номзадии Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Иброимова Г. Н. Нақши артикли номуайянии «-е» дар ташаккули ибораҳои изофӣ (дар мисоли «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2019.- № 2 (79). - С. 83-86.

[2-М]. Иброимова Г. Н. Мавқеи ибораҳои исмии изофӣ дар насри суннатии тоҷик (дар мисоли «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2019.-№ 3 (80). - С. 74-80.

[3-М]. Иброимова Г. Н. Ибораҳои изофӣ ва муродифоти онҳо бо қолибҳои дигари наҳвӣ (дар заминаи маводи «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. -2019.-№ 7. -С. 47-51.

[4-М]. Иброимова Г. Н. Муродифоти як қолиби ибораи исми изофӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2019.- № 2 (256). -С. 166-170.

[5-М]. Иброимова Г. Н. Муродифоти ибораҳои сифатӣ, шуморавӣ ва ҷонишинӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2021. № 6 (95)- С.70-73.

[6-М]. Раҳматуллозода С. Р., Иброимова Г. Н. Муродифоти қолибҳои аслӣ ва ҳосила (дар асоси маводи «Чор дарвеш») / С. Р. Раҳматуллозода, Г. Н. Иброимова // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ. -2022 № 2. –С. 34-39.

**II. Мақолаҳое, ки дар нашриёҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

[7-М]. Иброимова Г. Н. Муродифори ҷумлаҳои тасдиқӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов. – Душанбе - 2020. - С. 338-342.

[8-М]. Иброимова Г. Н. Муродифори ҷумлаҳои содаи инкорӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов. – Душанбе – 2020. – С. 378-384.

[9-М]. Иброимова Г. Н. Бо ҳиссачаҳо ифода ёфтани пурсиш дар ҷумлаҳои содаи инкорӣ дар асоси маводи «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова //ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-уми феврал) таҳти унвони «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди забони модарӣ» (18-уми феврали соли 2022). –Душанбе, 2022. - С.100-102.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1.** Дар тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Офаридаев Н., роҷеъ ба мубрам ва актуалӣ будани мавзуъ, инчунин навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гарида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар автореферат мисолҳо бояд ибораҳо дар таркиби ҷумлаҳо оварда мешуд, зеро бо ин роҳ маъно ва вазифаи ибора равшан мегардид ва муродифоти онҳо низ бо тобишҳои муайян нишон дода мешуд.

- ба назари мо унвони диссертатсия бояд "Муродифоти наҳвӣ дар "Чор дарвеш"" номгузорӣ мешуд, зеро дар диссертатсия ба ғайр аз муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода, инчунин оид ба масъалаҳои дигари

муродифоти наҳвӣ, аз ҷумла, муродифоти ҷумлаҳои сода ва мураккаб низ маълумот дода шудааст.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мушовири академии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевич дар маҷмуъ мусбат буда, дар он чунин эродҳо гирифта шудаанд:

- аз тарафи дигар, назари муҳаққиқони ҷудогонаро дар матни таҳқиқ зикр намояд, назари интиқодии худро ба он пажӯҳишҳо камранг нишон медиҳад ва дар камтарин мавридҳо назари эшонро ба баҳс мекашад.

- маводи мавриди таҳқиқ басо арзишманд буда, дар баробари ин бисёр хуб мебуд, ки муҳаққиқ ба масъалаҳои этнолингвистӣ ва лингвофарҳангӣ низ таваҷҷуҳ менамуд, натиҷагириҳои илмии қолибтар ба даст меомаданд.

- дар сафаҳоти ҷудогонаи автореферати диссертатсия нуктаҳои таҳрирталаб (5, 8, 11, 21, 22) ва қобили тасҳеҳ (4, 8, 13, 17, 18, 20) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор аст.

**3. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, Ҳасанзода Абдуҷамол ва мудири кафедраи зикргардидаи донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Олимҷонов Мӯсо низ мусбат буда, ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

- зерфасли дуюми боби сеюм, ки "Муродифоти ҷумлаҳои содаи яктаркиба" унвон дорад, хеле кам муаррифӣ шудааст (ниг.: с. 18).

- банди 7-уми хулосаи диссертатсия хусусияти умумӣ дошта, бояд дар аввали хулоса ҷой дода шавад (с.20).

- Дар автореферат ғалатҳои услубӣ (с.5, 10, 11), имлоӣ (с. 3, 9, 12, 13, ), китобӣ (с.3, 14, 15) роҳ ёфтаанд.

**4. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафердаи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Низомова Санобар Фахриевна мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба матни автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд (саҳ. 5, 10, 11, 13).

- агар басомади мисолҳо бо диаграмма нишон дода мешуд, ба манфиати кор мебуд.

5. **Тақризи** ба автореферат навиштаи номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири шуъбаи забони тоҷикии Инситиути забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Мирзоев Сайфиддин Ҷабборович мусбӣ буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- баъзе ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобатӣ ба мушоҳида расид (саҳ. 5, 6, 9, 11, 15, 17).

- услуби бархе аз ҷумлаҳо коҳиш ёфтааст. Чунончи: Ҷумлаҳои сода аз нигоҳи таркибу сохт ба яктаркиба ва дутаркиба тасниф мекунанд (саҳ.17). - Ин ҷумла агар дар шакли: «Ҷумлаҳои содаро аз нигоҳи таркибу сохт ба яктаркиба ва дутаркиба тасниф мекунанд (ё кардаанд)" меомад хубтар мебуд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод намудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:
- ба низом даровардани қолибҳои ибораҳои номии ҳаммаъно;
- ошкор кардани меъёри муродифшавии ибораҳо;
- муайян кардани роҳу усулҳои ташаккули муродифоти ибораҳои номӣ;
- таснифоти муродифоти қолибҳои гуногуни ибораҳои номӣ;
- аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани хусусиятҳои семантикӣ ва вазифаҳои услубии қолибҳои муродифӣ;
- муайян кардани дараҷаи ҳаммаъноии калимаҳои мураккаби аз ибораҳои номӣ бавуҷудомада.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои илмии таҳқиқи қолабҳои ҳаммаънои наҳвиро дар пажуҳишҳои минбаъдаи масъалаҳои муродифоти наҳвии забони тоҷикӣ зимни муайян намудани қолабҳои наҳвӣ истифода бурдан мумкин аст. Асосҳои назариявию методологии таҳқикро тадқиқоти бунёдии ба грамматика ва услубшиносӣ бахшидашудаи муҳаққиқони варзида, аз қабили Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, Ю.Д. Апресян, И.С. Бузакова, Ю.Н. Власова, А.Н. Гвоздев, М.С. Сергалиев, В.П. Сухотин, Е.П. Шенделс, В.Н. Ярсева, Б. Камолиддинов, А. Мирзоев, Д. Хоҷаев, Ҳ. Маҷидов, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, М.Ҷ. Мирзоева ва дигарон, ки ба масъалаи муродифоти наҳвӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

**Диссертатсия дар заминаи** усулҳои насри ривоятӣ ва муродифшавии ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар асоси маводи “Чор дарвеш” таълиф гардидааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи** довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин таҳқиқ карда мешавад, ки таҳқиқи анҷомёфта имкон фароҳам меорад, ки маълумотҳои зиёде оид ба омӯзиши ҷанбаи нави муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода – муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода гирдовардашуда, ҳамчунин хусусиятҳои асосӣ ва муродифоти грамматикӣ бо қолабҳои дигари муродифшавӣ дар асоси як асари насри суннатии тоҷик “Чор дарвеш” баррасӣ гардад. Таҳқиқи зикршуда метавонад барои пешбурд ва идома додани омӯзиши ҳамаҷониба, банизом ва амиқтари муродифоти синтаксисӣ мусоидат кунад. Маълумотҳое, ки дар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ оморӣ ва муқоисавӣ бадастоварда шудаанд, арзишманд мебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ:** нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ муҳокима гаштаанд, ҳамчунин 9 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 6 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ.** Муаллифи диссертатсия дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқ, аз ҷамъоварии маводи амалӣ, омӯзиши адабиёти илмӣ то ба танзим даровардану гурӯҳбандии қисматҳои кор, фаъолона иштирок намудааст. Мавзуи мазкур бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муносибати байни категорияҳо ва хусусиятҳои синтаксисӣ (наҳвӣ)-и забони тоҷикӣ дар ин давраи таърихӣ дар заминаи маводи «Чор дарвеш» равшан гардидааст. Ҳамзамон, саҳми шахсии муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи мазкур яке аз аввалин пажуҳишҳо дар забоншиносии тоҷик буда, муҳаққиқ бо нашри чанд мақола муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои содаро дар “Чор дарвеш” ба риштаи таҳқиқ кашида, дар асоси таҳлилу хулосабарориҳои мушаххас нишон додааст.

Дар шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15-уми июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани дар барои  сазовор донистани Иброимова Гуландом Наимовна ба дараҷаи илми номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – 1нафар, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – 1-то.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Ҷоматов С.С.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳоии филологӣ, дотсент — Каримова Д.Н.